# المختصر المفيد للمسلم (للجمعية)

Як хулосаи муфид барои мусалмон

Ин китоб ба таври мухтасар ва ҷомеъ баррасӣ шуда, асосҳои ибодати дуруст ва маънии имон ба Аллоҳ, фариштагон, китобҳои Ӯ, паёмбарони Ӯ, рӯзи қиёмат ва тақдирро ба хонандагон баён мекунад.

Китоб бо баёни неъматҳои Ислом ва аҳамияти шинохти Аллоҳ, сифатҳо ва номҳои зебои ӯ оғоз мешавад, сипас дар бораи панҷ рукни Ислом ва рукнҳои имон сухан меронад, ҳамон гуна, ки мафҳуми эҳсон ва таъсири он бар мӯъмин баррасӣ мешавад.

Китоб бо такя ба далелҳо аз ду ваҳй, Қуръон ва Суннат, аз дигар китобҳо мутафовит аст, ки онро барои ба шеваи содда омӯзонидани усулҳои дин барои мусалмон, ба як сарчашмаи муҳим табдил мекунад.

## Хулосаи муфид барои мусалмон

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

## Муқаддима

Ҳамду ситоиш Парвардигори ҷаҳониёнро ва дуруду салом бар гиромитарини паёмбарон ва расулон, паёмбари мо Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва бар тамоми хонадон ва асҳобаш.

Аммо баъд:

Яке аз неъматҳои бузурги Худованди Мутаъол бар инсон Ислом аст, ки устуворӣ дар

он ва иҷрои аҳком ва шариъати онро барояш арзонӣ доштааст. Дар ин китоб мусалмон усулеро меомӯзад, ки ба таври мухтасар вижагиҳои ин дини бузургро барои ӯ баён мекунад, шиносоии ӯ аз Худованд, дин ва паёмбари Ӯ Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам)-ро бештар мегардонад, то Аллоҳро бо илму басират бипарастад.

## Ҳикмат аз офариниши бандагон

Худованди Мутаъол моро барои як ҳикмати бузурге офаридааст, ки ҳамон ибодати Худованди ягона ва бешарик аст, чунончи Ӯ Таъоло мефармояд:

﴿ وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنْسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ﴾

(Ва ҷинну инсро фақат барои ин офаридам, ки Маро ибодат кунанд [ва аз бандагии дигарон сар боз зананд]) (Сураи Зориёт: 56) Яъне: танҳо Ӯро ибодат кунанд ва чизеро бо Ӯ шарик қарор надиҳанд. Ва ин ҳамон ҳадафи бузург аст, ки тамоми аъмол ва аҳдофи мо дар ин дунё атрофи он қарор мегирад, Ӯ Таъоло мефармояд:

﴿ أَفَحَسِبْتُمْ أَنَّمَا خَلَقْنَاكُمْ عَبَثًا وَأَنَّكُمْ إِلَيْنَا لا تُرْجَعُونَ * فَتَعَالَى اللَّهُ الْمَلِكُ الْحَقُّ لا إِلَهَ إِلا هُوَ رَبُّ الْعَرْشِ الْكَرِيمِ﴾

(Оё пиндоштаед, ки шуморо беҳуда офаридаем ва ба сӯи Мо бозгардонида намешавед?*

Пас, баландмартаба [ва бузург] аст Аллоҳ Таъоло [ки] фармонравои ҳақ аст. Ҳеҷ маъбуде

[ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест [ва] Парвардигори Ъарши гаронқадр аст.) (Сураи Мӯъминун: 115-116)

## Парвардигори ман Аллоҳ аст

Худованд мефармояд:

﴿ يَا أَيُّهَا النَّاسُ اعْبُدُوا رَبَّكُمُ الَّذِي خَلَقَكُمْ وَالَّذِينَ مِنْ قَبْلِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ﴾

(Эй мардум, Парвардигори худро парастиш кунед, Он касе, ки шумо ва пешиниёни шуморо офарид, бошад, ки парҳезгор шавед.) (Сураи Бақара: 21)

Худованд мефармояд:

﴿ هُوَ اللَّهُ الَّذِي لَا إِلَهَ إِلَّا هُوَ﴾

(Ӯ Аллоҳ Таъоло аст, ки ҷуз Ӯ маъбуде [ростин] нест) (Сураи Ҳашр: 22)

Худованд мефармояд:

﴿ لَيْسَ كَمِثْلِهِ شَيْءٌ وَهُوَ السَّمِيعُ الْبَصِيرُ﴾

(Ҳеҷ чиз (аз махлуқоташ на дар зот ва на дар номҳову сифоташ) монанди Ӯ нест ва Ӯст шунавову бино) (Сураи Шуро: 11)

Аллоҳ Парвардигори ман ва Парвардигори ҳама чиз аст, Молик, Офаридгор, Розиқ ва тадбиркунандаи тамоми офариниш.

Танҳо Ӯ сазовори ибодат аст, ҳеҷ парвардигор ва маъбуди барҳақ ҷуз Ӯ нест.

Ӯ Таъоло зеботарин номҳо ва сифатҳоро дорад, ки барои Худ исбот кардааст ва паёмбараш (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) низ барои Ӯ Таъоло исбот кардааст. Номҳо ва

сифатҳои Ӯ Таъоло дар болотарин камол ва зебоӣ ҳастанд, ва ҳеҷ чиз монанди Ӯ нест ва Ӯ шунаво ва бино аст.

**Аз ҷумлаи номҳои зебои Ӯ:**

Ар-Раззоқ, Ар-Раҳмон, Ал-Қадир, Ал-Малик, Ас-Самиъ, Ас-Салом, Ал-Басир, Ал-Вакил, Ал-Холиқ, Ал-Латиф, Ал-Кофӣ, Ал-Ғафур.

Ар-Раззоқ: Он кӣ ризқу рӯзии бандагонро медиҳад, ки мояи қуввати дил ва тан аст.

Ар-Раҳмон: Соҳиби раҳмати бузург ва васеъ, ки ҳама чизро фаро гирифтааст.

Ал-Қадир: Он кӣ қудрати комил дорад, заъфу нотавонӣ дар ӯ таъсир намекунад.

Ал-Малик: Ӯ бо сифатҳои бузурги қудрат, тадбир, соҳиби ҳама чиз ва идоракунандаи онҳо васф шудааст.

Ас-Самиъ: Он кӣ ҳама чизро дар ниҳон ва ошкоро шунида метавонад, дуъо ва нидои бандагонашро мешунавад.

Ас-Салом: Солим аз ҳама офату айб ва костиҳо.

Ал-Басир: Он кӣ дидаш, чи хурд бошад ва чи бузург, ҳамаро фаро гирифтааст, Соҳибогоҳе, ки аз ҳама чиз бохабар ва аз маънии ботинии онҳо огоҳ аст.

Ал-Вакил: зомин ва кафили рӯзии махлуқот, ғамхори манофеи онҳо ва нигаҳбон ва осонкунандаи умури авлиёи худ.

Ал-Холиқ: Офаранда ва ба вуҷӯд оварандаи тамоми ҳастӣ.

Ал-Латиф: Он кӣ бандагонашро гиромӣ медорад, бар онҳо раҳм мекунад ва ончи аз Ӯ мехоҳанд, медиҳад.

Ал-Кофӣ: Он кӣ барои бандагонаш ба ҳар ончи ниёз доранд басанда аст, ва Он кӣ ёриаш кифояткунанда аст ва дар баробари ёрии Ӯ ниёз ба ёрии касе нест.

Ал-Ғафур: Он кӣ бандагонашро аз бадии гуноҳонашон ҳифз мекунад ва онҳоро ба сабаби он азоб намекунад.

## Паёмбари ман Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам)

Худованд мефармояд:

﴿لَقَدْ جَاءَكُمْ رَسُولٌ مِنْ أَنْفُسِكُمْ عَزِيزٌ عَلَيْهِ مَا عَنِتُّمْ حَرِيصٌ عَلَيْكُمْ بِالْمُؤْمِنِينَ رَءُوفٌ رَحِيمٌ﴾

(Яқинан, паёмбаре аз [миёни] худи шумо ба сӯятон омад, ки ранҷдиданатон бар ӯ [гарону] душвор аст ва бар [ҳидояти] шумо сахт исрор дорад ва [нисбат] ба мӯъминон дилсӯз [ва] меҳрубон аст.) (Сураи Тавба: 128)

Худованд мефармояд:

﴿وَمَا أَرْسَلْنَاكَ إِلا رَحْمَةً لِلْعَالَمِينَ﴾

(Ва [эй Муҳаммад] туро ҷуз раҳмате барои ҷаҳониён нафиристодем) (Сураи Анбиё: 107)

## Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) расули раҳмат:

Ӯ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб ибни Ҳошим аст, Ҳошим аз Қурайш аст ва Қурайш аз қавми араб.

Модари ӯ: Омина бинти Ваҳб ва дояаш Ҳалимаи Саъдия буд. Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) бо ёздаҳ зан издивоҷ карданд ва дар вақти вафот нӯҳ зан доштанд.

Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ҳафт фарзанд доштанд, се писар ва чаҳор духтар. Писарони ӯ Қосим, Абдуллоҳ ва Иброҳим, ва духтаронаш Зайнаб, Руқайя, Умми Кулсум ва Фотима.

Паёмбари Худоро бояд дар ончи амр мекунад итоат кард, ба ончи мегӯяд имон овард, ончиро наҳй ва сарзаниш кардааст дурӣ кард ва Худоро танҳо ба ончи ӯ мақарар кардааст, ибодат кард.

Паёми ӯ ва паёми тамоми паёмбарони пеш аз ӯ, даъват ба ибодати Аллоҳи ягона ва бешарик аст, Худованди Мутаъол мефармояд:

﴿ وَمَا أَرْسَلْنَا مِنْ قَبْلِكَ مِنْ رَسُولٍ إِلَّا نُوحِي إِلَيْهِ أَنَّهُ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنَا فَاعْبُدُونِ﴾

(Ва Мо пеш аз ту ҳеҷ паёмбареро нафиристодем, магар он ки ба ӯ ваҳй кардем, ки [ба мардум бигӯяд]: «Маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ман нест, пас, танҳо Маро бипарастед») (Сураи Анбиё: 25)

Ӯ хотами паёмбарон ва расулон аст, чунончи Худованд мефармояд:

﴿مَا كَانَ مُحَمَّدٌ أَبَا أَحَدٍ مِنْ رِجَالِكُمْ وَلَكِنْ رَسُولَ اللَّهِ وَخَاتَمَ النَّبِيِّينَ وَكَانَ اللَّهُ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمًا﴾

(Муҳаммад ҳаргиз падари ҳеҷ яки аз мардони шумо [аз ҷумла Зайд] нест; балки расули Аллоҳ Таъоло ва хотами паёмбарон аст; ва Аллоҳ Таъоло ҳамвора ба ҳар чизе доност) (Сураи Аҳзоб: 40)

Аллоҳ Таъоло ӯро бо дини Ислом барои тамоми мардум фиристодааст, чунончи Худованди Мутаъол фармудааст:

﴿وَمَا أَرْسَلْنَاكَ إِلَّا كَافَّةً لِلنَّاسِ بَشِيرًا وَنَذِيرًا وَلَكِنَّ أَكْثَرَ النَّاسِ لَا يَعْلَمُونَ﴾

([Эй паёмбар] Мо туро ҷуз башоратбахш ва бимдиҳандае барои ҳамаи мардум нафиристодаем; аммо бештари мардум [ин ҳақиқатро] намедонанд) (Сураи Сабаъ: 28)

Ӯ (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) бар ҳар мусалмон ҳуқуқи бузурге дорад, аз ҷумла:

1- Имон ба нубувват, садоқат, исмат ва шариъати бузург, ки овардааст ва итоату пайравӣ кардан аз ӯ, Худованди Мутаъол мефармояд:

﴿وَمَا يَنْطِقُ عَنِ الْهَوَى * إِنْ هُوَ إِلَّا وَحْيٌ يُوحَى﴾

(Ва аз рӯи ҳавои нафс сухан намегӯяд*

([Ин Қуръон] Ваҳй [-и илоҳӣ] аст, ки [ба ӯ] илқо мешавад. Ин [Қуръон] ҷуз панд барои

ҷаҳониён [инсон ва ҷин] нест"). (Сураи Наҷм: 3 - 4)

2- Муҳаббати ӯ (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва бартарӣ додани муҳаббати ӯ бар худ ва фарзандон ва тамоми махлуқот воҷиб аст, ва муқтазои муҳаббат ӯ дар итоат аз  ончи фармудааст ва дурӣ аз ончи наҳй ва огоҳ кардааст, аст.

3- Вуҷуби эҳтиром, ҳимоят, таъзим ва таҷлили он ҳазрат (Саллалоҳу алайҳи ва саллам).

4- Салавот фиристодан бар он ҳазрат (Саллалоҳу алайҳи ва саллам),  ситоиш гуфтан бар ӯ (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва аз Аллоҳ барои ӯ мартаба ва иззату бузургии бештар хостан аст. Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

(من صلى عليّ صلاة صلى الله عليه بها عشرا)

(Ҳар кӣ барои ман як бор салавот бифиристад, Аллоҳ барояш даҳ бор салавот мефиристад) Дар ривояти Муслим.

5- Наҳй аз зиёдаравӣ дар ҳаққи Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва боло бардоштани манзилати ӯ аз манзилате, ки Аллоҳ ба ӯ додааст. Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) худ дар ин маврид ҳушдор додаанд, чунончи мефармояд:

(لا تطروني، كما أطرت النصارى ابن مريم، فإنما أنا عبده، فقولوا عبد الله، ورسوله) رواه البخاري.

(Дар ситоиши ман зиёдаравӣ накунед, чунончи насоро дар ситоиши писари Марям зиёдаравӣ карданд, ман бандаи Аллоҳ ҳастам, бинобар ин бигӯед: фиристода ва бандаи Аллоҳ.) Ривояти Бухорӣ.

**Аз сифатҳои Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам):**

Ростгӯӣ, шафқат, бурдборӣ, сабр, далерӣ, мардонагӣ, саховатмандӣ, ахлоқи нек, адл, хоксорӣ ва бахшидан.

## Қуръони карим каломи Парвардигор аст

Худованд мефармояд:

﴿ يا أيها الناس قد جاءكم برهان من ربكم وأنزلنا إليكم نورًا مبيناً﴾

(Эй мардум, ба ростӣ, ки барои шумо аз ҷониби Парвардигоратон далели равшан [Муҳаммад] омад ва нури ошкор [Қуръон] ба сӯятон нозил кардем) (Сураи Нисо: 174)

Қуръони карим каломи Аллоҳ Таъоло аст, ки дар ҳақиқат ба он такаллум кардааст, ва онро ба Паёмбараш Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ваҳй кардааст, то мардумро аз торикӣ ба рӯшноӣ берун орад ва ба роҳи рост ҳидоят кунад. Ҳар кӣ онро бихонад, савоби бузурге хоҳад ёфт ва ҳар кӣ ба он амал кунад, ба роҳи рост рафтааст. Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд

(Разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

(مَنْ قَرَأَ حَرْفًا مِنْ كِتَابِ اللَّهِ فَلَهُ بِهِ حَسَنَةٌ، وَالحَسَنَةُ بِعَشْرِ أَمْثَالِهَا، لَا أَقُولُ ﴿ الم﴾ حَرْفٌ، وَلَكِنْ أَلِفٌ حَرْفٌ، وَلَامٌ حَرْفٌ، وَمِيمٌ حَرْفٌ)

(Ҳар кӣ як ҳарф аз Қуръон бихонад, барояш як ҳасана аст ва ҳар ҳасана даҳ баробари он аст, ман намегӯям: (алиф, лом, мим) як ҳарф аст, балки алиф як ҳарф, лом як ҳарф ва мим як ҳарф аст). Ривояти Тирмизӣ.

Худованд онро аз таҳрифу табдил нигоҳ дошт ва то рӯзи қиёмат уро нишонаи ҷовидонӣ гардонид. Худованд мефармояд:

﴿ إِنَّا نَحْنُ نَزَّلْنَا الذِّكْرَ وَإِنَّا لَهُ لَحَافِظُونَ﴾

(Ба ростӣ, ки мо худ Қуръонро нозил кардем ва ҳатман, худ низ [аз ҳар гуна табдилу таҳрифе] нигаҳбонаш ҳастем) (Сураи Ҳиҷр: 9) Пас ҳар касе бар ин бовар бошад Қуръон нотамом ё таҳриф шудааст, ӯ таксибкунандаи Аллоҳ Таъоло ва Паёмбараш (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва хориҷ аз доираи Ислом аст.

Қуръони карим афзун бар ончи дар кутуби гузашта омадааст, шомили маториби дигари Худошиносӣ, ахлоқӣ ва тасдиққунандаи ҳама ончи аст, ки дар онҳо бар ҳақ нозил шудааст. Дар ин замон китоби дигаре аз ҷониби Аллоҳ нозил нашудааст то аз он пайравӣ шавад, тасдиқу ибодат кардан аз он ва амал кардан ба он воҷиб бошад, магар Қуръони карим.

## Дини ман Ислом аст

Дин се дарача дорад: Ислом, Имон ва Эҳсон.

### Якум: Ислом

Ислом: таслим шудан дар баробари Аллоҳ бо тавҳид ва фармон бурдан аз Ӯ бо тоъат ва безорӣ аз ширк ва аҳли он.

**Аркони Ислом**

Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

(بُنِيَ الإسْلاَمُ عَلَى خَمْسٍ، شَهَادَةِ أَنْ لاَ إِلَهَ إِلاَّ اللَّهُ وَأَنَّ مُحَمَّدًا رَسُولُ اللهِ، وَإِقَامِ الصَّلاَةِ، وَإِيتَاءِ الزَّكَاةِ، وَصَوْمِ رَمَضَانَ، وَحَجِّ البَيْتِ)

(Бунёди ислом бар панч (чиз) аст: гувоҳӣ додани бар  инки нест маъбуде барҳақ ба ҷуз Аллоҳ ва инки Муҳаммад пайғамбари Худо аст, барпо доштани намоз, додани закот, рӯза доштани моҳи Рамазон ва ҳаҷҷи Байтуллоҳ»). Муттафақун ъалайҳи.

Аркони Ислом ибодоте ҳастанд, ки анҷоми онҳо барои ҳар мусалмон ҳатмӣ ва илзомӣ аст ва исломи касе дуруст намешавад, магар муътақид бар фарзияти онҳо бошад ва ба онҳо амал кунад, зеро бинои Ислом бар онҳост ва бинобар ин аст, ки ба онҳо аркони Ислом гуфта мешавад.

Аркони Ислом иборатанд аз:

**Рукни аввал: Шаҳодат додан ба инки ҳеҷ маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ нест ва Муҳаммад расули Аллоҳ аст.**

Худованд мефармояд:

﴿ فَاعْلَمْ أَنَّهُ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ﴾

([Эй Паёмбар] бидон, ки маъбуде [ба ҳақ] ба ҷуз Аллоҳ Таъоло нест) (Сураи Муҳаммад: 19)

Ва Худованд мефармояд:

﴿ لَقَدْ جَاءَكُمْ رَسُولٌ مِّنْ أَنفُسِكُمْ عَزِيزٌ عَلَيْهِ مَا عَنِتُّمْ حَرِيصٌ عَلَيْكُم بِالْمُؤْمِنِينَ رَؤُوفٌ رَّحِيمٌ﴾

(Яқинан, паёмбаре аз [миёни] худи шумо ба сӯятон омад, ки ранҷдиданатон бар ӯ [гарону] душвор аст ва бар [ҳидояти] шумо сахт исрор дорад ва [нисбат] ба муъминон дилсӯз [ва] меҳрубон аст) (Сураи Тавба: 128)

Маънои шаҳодат ин аст, ки: нест маъбуде магар Аллоҳ, яъне нест маъбуде барҳақ магар Аллоҳ.

Маънои "Шаҳодат додан бар инки Муҳаммад расули Аллоҳ аст": яъне итоати ӯ дар ончи фармудааст ва тасдиқи ӯ дар ончи овардааст ва дурӣ ҷустан аз ончи наҳй ва сарзаниш кардааст ва инки Аллоҳ ибодат карда нашавад, магар бо равише ки ӯ фармудааст.

**Рукни дуввум: Адои намоз**

Худованд мефармояд:

﴿ وَأَقِيمُوا الصَّلَاةَ﴾

(Ва намозро барпо доред) (Сураи Бақара: 110)

Адои намоз, яъне ба ҳамон равише, ки Аллоҳ Таъоло фармудааст ва Паёмбараш Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) моро таълим додааст.

**Рукни севум: Закот додан**

Худованд мефармояд:

﴿ وَآتُوا الزَّكَاةَ﴾

(Ва закотро бидиҳед) (Сураи Бақара: 110)

Аллоҳ Таъоло закотро барои имтиҳони садоқати имони мусалмон ва шукргузорӣ ба неъмате, ки ба ӯ додааст ва ҳамчун як василае барои кумак ба фақирон ва мискинон, фарз гардонидааст.

Закот бо додани мол ба афроди сазовор ба он адо меёбад.

Закот ҳаққи воҷибае аст, ки дар сурати ба миқдори муайян расидани пул ва мол, ба додани он ба  ҳашт тоифае, ки Худованд дар Қуръони карим зикр кардааст, аз ҷумла фақиру мискин, адо меёбад.

Адои закот рамзи шафқату меҳрубонӣ, поксозии ахлоқ ва моли мусалмон, шод гардонидани фақирону мискинон ва тақвияти риштаи дӯстиву бародари байни муҷтамаъи мусалмон аст. Аз ин рӯ мусалмони неку онро бо

дили пок ва хушҳолӣ анҷом медиҳад, зеро он барои шод гардонидани дигарон аст.

Миқдори закоти мол 2,5% аз тилло, нуқра, пул ва молҳои тиҷоратӣ аст, ки барои хариду фурӯш ва касби суд ба даст омадааст ва дар ҳоли расидани арзиши он ба микдори муайян ва гузашти як соли ҳиҷрӣ аст.

Инчунин барои шахсе, ки шумори муайян аз чорво (шутур, гов ва гӯсфанд) дорад ва бештари солро бо чаро ва алафхои худрӯй мегузаронанд, закот воҷиб аст.

Ҳамчунин закот бар oнчи аз замин берун меояд, воҷиб аст, аз қабили ганҷ, (oнчи аз замони қадим зер хок пинҳон аст ва ба даст меояд), ва ҳамин гуна донагиҳо, меваҳо ва маъданҳо, агар ба миқдори муайян бирасад.

**Рукни чаҳорум: Рӯзаи моҳи Рамазон**

Худованд мефармояд:

﴿ يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا كُتِبَ عَلَيْكُمُ الصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى الَّذِينَ مِنْ قَبْلِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ﴾

(Эй касоне, ки имон овардаед, рӯза бар шумо воҷиб шудааст, ҳамон гуна ки бар касоне, ки пеш аз шумо буданд, низ воҷиб шуда буд, бошад, ки парҳезкор шавед) (Сураи Бақара: 110)

Рамазон: Моҳи нӯҳуми солшумории ҳиҷрӣ аст, моҳе, ки назди мусалмонон аз дигар моҳҳои сол мақоми хос дорад ва рӯза гирифтани пурраи ин моҳ яке аз рукнҳои панҷгонаи Ислом аст.

Рӯза гирифтани моҳи Рамазон: Ибодати Аллоҳ Таъоло бо худдорӣ аз хурдану нӯшидан, алоқаи ҷинсӣ ва дигар амалҳое аст, ки рӯзаро мешикананд. Рӯза доштан аз тулӯъи фаҷр то ғуруби офтоб дар тамоми рӯзҳои моҳи муборакӣ Рамазон аст.

**Рукни панҷум: Ҳаҷҷи Байтулҳаром**

Худованд мефармояд:

﴿وَلِلَّهِ عَلَى النَّاسِ حِجُّ الْبَيْتِ مَنِ اسْتَطَاعَ إِلَيْهِ سَبِيلًا﴾

(ва бар мардум [воҷиб] аст, ки барои [ибодати] Аллоҳ Таъоло қасди он хона (Каъба) кунанд [албатта, барои] касе, ки тавоноии [молӣ ва ҷисмӣ] рафтан ба сӯи онро дорад;) (Сураи Оли Имрон: 97)

Ҳаҷ барои касоне, ки тавони онро доранд, дар умр як бор фарз аст. Ҳаҷ қасди рафтан ба Байтулҳаром ва маконҳои муқаддас дар Маккаи мукаррама барои анҷом додани ибодатҳои мушаххас ва дар як замони муайян аст. Паёмбари Худо (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва дигар паёмбарон қабл аз ӯ ҳаҷ кардаанд, Аллоҳ Таъоло Иброҳим (Алайҳис-салом)-ро дастур дод то мардумро барои анҷом додани ҳаҷ нидо кунад. Чунончи Аллоҳ Таъоло дар ин бора дар Қуръони карим хабар дода фармудааст:

﴿وَأَذِّنْ فِي النَّاسِ بِالْحَجِّ يَأْتُوكَ رِجَالًا وَعَلَى كُلِّ ضَامِرٍ يَأْتِينَ مِنْ كُلِّ فَجٍّ عَمِيقٍ﴾

(Ва байни мардум барои [адои] ҳаҷ нидо бидеҳ, то пиёда ва [савор] бар ҳар [василаи

сафар ё] шутури лоғаре аз ҳар роҳи дуре ба сӯят биёянд) (Сураи Ҳаҷ: 27)

## Мартабаи дуввум: Имон

Имон: иқрор ва тасдиқи қатъӣ ва эътирофи комил ба ҳама ончи аст, ки Аллоҳ ва паёмбараш амр кардаанд ба он имон биёварем. Таслим шудан дар зоҳир ва дар ботин, ки он тасдиқи қалбӣ аст, ва эътиқоди қалбӣ шомили тамоми амалҳои қалбӣ ва баданӣ аст, ки он худ фарогири анҷоми тамоми аъмол дин аст. Имон бо тоат зиёд ва бо маъсият кам мешавад.

### Аркони Имон

Вақте Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) аз имон пурсида шуданд, фармуданд:

(أنْ تؤمنَ باللهِ وملائكتِهِ وكتبِهِ ورسلِهِ واليومِ الآخرِ وتؤمنَ بالقدرِ خيرِهِ وشرِهِ).

(Инки имон биёвари ба Аллоҳ ва фариштагони Ӯ ва китобҳои Ӯ ва паёмбарони Ӯ ва рӯзи охират, ва имон биёвари ба тақдир, хайр ва шарри он).

Аркони имон ҳамон ибодатҳои қалбӣ аст, ки барои ҳар як фарди мусалмонон фарз аст ва исломи инсон ҷуз ба он ва амал кардан ба муқтазои он, дуруст намешавад, бинобар ин аст, "Аркони имон" номида шудааст. Фарқ байни аркони имон ва аркони Ислом ин аст, ки аркони Ислом ба амалҳои зоҳирӣ гуфта мешавад, ки инсон бо узвҳо анҷом медиҳад, ба монанди: гуфтани шаҳодатайн, намоз ва закот. Аммо аркони имон амалҳои қалбие ҳастанд, ки инсон

бо дил анҷом медиҳад, ба монанди: имон ба Аллоҳ ва фариштаҳо ва китобҳо ва паёмбарони Худованд.

**Рукни аввал: Имон ба Аллоҳ**

Худованд мефармояд:

﴿إِنَّمَا الْمُؤْمِنُونَ الَّذِينَ آمَنُوا بِاللَّهِ﴾

(Мӯъминони [воқеӣ] касоне ҳастанд, ки ба Аллоҳ Таъоло имон овардаанд) (Сураи Нур: 62)

Мо ба вуҷӯди Худованд имон дорем ва ба ягонагии Ӯ дар рубубият, дар улуҳият ва ба асмоу сифоти Ӯ Таъоло эътиқод дорем. Имон ба Аллоҳ иборат аз мавориди зер аст:

- Имон ба вуҷӯди Аллоҳ субҳонаҳу ва Таъоло.

- Имон ба рубубияти Аллоҳ субҳонаҳу ва Таъоло ва инки Ӯ молики ҳама чиз, Офаридагор, Ризқдиҳанда ва тадбиркунандаи ҳама чиз аст.

- Имон ба улуҳияти Аллоҳ субҳонаҳу ва Таъоло ва инки танҳо Ӯ сазовори ибодат аст ва Ӯро дар ҳеҷ амре шарике нест, ба монанди: дар намоз, дуо, назр, забҳ, талаби ёрӣ, талаби паноҳ ва тамоми ибодоти дигар.

- Имон ба номҳои зебо ва сифатҳои волои Аллоҳ, ки барои Худ исбот намудааст ё паёмбараш (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) барои Ӯ Таъоло исбот кардааст ва нафйи ончи, ки Худ ва Паёмбараш (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) нафйи кардаанд ва инки асмо ва сифот волотарин ва зеботарину комилтарин номҳо ва

сифатҳо ҳастанд ва чизе монанди Ӯ нест ва Ӯ шунаво ва бино аст.

**Рукни дуввум: Имон ба фариштагон.**

Худованд мефармояд:

﴿الْحَمْدُ لِلَّهِ فَاطِرِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ جَاعِلِ الْمَلَائِكَةِ رُسُلًا أُولِي أَجْنِحَةٍ مَثْنَى وَثُلَاثَ وَرُبَاعَ يَزِيدُ فِي الْخَلْقِ مَا يَشَاءُ إِنَّ اللَّهَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ﴾

(Сипос [ва ситоиш] аз они Аллоҳи офаринандаи осмонҳо ва замин аст; [Парвардигоре, ки] фариштагонро бо болҳои дугона ва сегона ва чаҳоргона, фиристодагон [-и хеш ба сӯи мардум] қарор дод [ва] ҳар чи бихоҳад дар офариниш меафзояд. Бе тардид, Аллоҳ Таъоло бар ҳар чизе тавоност) (Сураи Фотир: 1)

Мо имон дорем, ки фариштагон аз ҷумлаи олами ғайбӣ, бандагони Аллоҳ ва аз нур офарида шудаанд, Аллоҳ Таъоло ононро мутиъ ва фармонбардори Худ қарор додааст.

Онҳо махлуқоти бузурге ҳастанд, ки ғайр аз Аллоҳ касе тавон ва шумори ононро намедонад. Ҳар яке аз онҳоро ному сифатҳо ва масъулиятҳои хос аст, ки Аллоҳ Таъоло барояшон муайян кардааст. Аз ҷумлаи онҳо Ҷабраил (Алайҳис-салом) аст, ки расонидани ваҳй аз ҷониби Аллоҳ ба паёмбаронаш ба ӯ вогузор шудааст.

**Рукни севум: Имон ба китобҳо**

Худованд мефармояд:

﴿قُولُوا آمَنَّا بِاللَّهِ وَمَا أُنْزِلَ إِلَيْنَا وَمَا أُنْزِلَ إِلَى إِبْرَاهِيمَ وَإِسْمَاعِيلَ وَإِسْحَاقَ وَيَعْقُوبَ وَالْأَسْبَاطِ وَمَا أُوتِيَ مُوسَى وَعِيسَى وَمَا أُوتِيَ النَّبِيُّونَ مِنْ رَبِّهِمْ لَا نُفَرِّقُ بَيْنَ أَحَدٍ مِنْهُمْ وَنَحْنُ لَهُ مُسْلِمُونَ﴾

([Эй мӯъминон ба аҳли китоб] бигӯед: "Мо ба Аллоҳ Таъоло имон овардаем ва ба ончи бар мо нозил шудааст ва ба ончи, ки бар Иброҳиму Исмоил ва Исҳоқу Яъқуб ва наводагон [-и Яъқуб] нозил гардид ва [ҳамчунин] ба ончи, ки ба Мӯсо ва Исо дода шудааст ва ба ончи, ки ба паёмбарони [дигар] аз тарафи Парвардигорашон дода шудааст [оре, ба ҳамаи онон имон меоварем] ва миёни ҳеҷ як аз эшон тафовут намегузорем ва мо [ҳамагӣ] таслими Аллоҳ Таъоло ҳастем") (Сураи Бақара: 136).

Мо имон дорем, ки Аллоҳ Таъоло китобҳое бар паёмбаронаш нозил кардааст, ки ҳуҷҷат ва далел барои ҷаҳониён ва роҳнамо барои амалкунандагон аст,

ба онҳо ҳикмат меомӯзанд ва ононро пок мекунанд.

Аллоҳ субҳонаҳу ва Таъоло бо фиристодани паёмбараш Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ба ҳамаи мардумон, бо ин шариъат шариъатҳои дигари пешинро насх кард ва Қуръони каримро бар ҳама китобҳои осмонӣ бартарӣ дода онҳоро мансух гардонид, ва Ӯ Таъоло кафолати ҳифзи Қуръони карим аз ҳаргуна таҳрифу тағйирро ба Худ гирифт. Худованд мефармояд:

﴿ إِنَّا نَحْنُ نَزَّلْنَا الذِّكْرَ وَإِنَّا لَهُ لَحَافِظُونَ﴾

(Ба ростӣ, ки мо Худ Қуръонро нозил кардем ва ҳатман, Худ низ [аз ҳар гуна табдилу таҳрифе] нигаҳбонаш ҳастем) (Сураи Ҳиҷр: 9) Чунки Қуръони карим охирин китоби Аллоҳ Таъоло барои башарият ва паёмбараш Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) охирини паёмбарон аст. Дини Ислом ҳамон дин аст, ки Худованд то рӯзи қиёмат онро барои башарият писандида аст. Худованд мефармояд:

﴿ إِنَّ الدِّينَ عِنْدَ اللَّهِ الْإِسْلَامُ﴾

(Ҳамоно, дини бар ҳақ дар назди Аллоҳ Ислом аст) (Сураи Оли Имрон: 19)

Китобҳои осмоние, ки Аллоҳ Таъоло дар китобаш Қуръони карим зикр кардааст, иборатанд аз:

Қуръони карим: Аллоҳ Таъоло онро бар паёмбараш Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) нозил фармудааст.

Таврот: Аллоҳ Таъоло онро бар паёмбараш Мусо (Алайҳис-салом) нозил фармудааст.

Инҷил: Аллоҳ Таъоло онро бар паёмбараш Исо (Алайҳис-салом) нозил фармудааст.

Забур: Аллоҳ Таъоло онро бар паёмбараш Довуд (Алайҳис-салом) нозил фармудааст.

Саҳифаҳои Иброҳим: Аллоҳ Таъоло онҳоро бар паёмбараш Иброҳим (Алайҳис-салом) нозил фармудааст.

**Рукни чаҳорум: Имон ба паёмбарон.**

Худованд мефармояд:

﴿وَلَقَدْ بَعَثْنَا فِي كُلِّ أُمَّةٍ رَّسُولاً أَنِ اعْبُدُواْ اللّهَ وَاجْتَنِبُواْ الطَّاغُوتَ﴾

(Яқинан, Мо дар ҳар уммате паёмбареро [бо ин паём] барангехтем, ки: «Аллоҳи якторо бипарастед ва аз тоғут [маъбудони ғайри Аллоҳ Таъоло] дурӣ кунед») (Сураи Наҳл: 36)

Мо имон дорем Аллоҳ Таъоло барои бандагон паёмбароне фиристодааст, то онҳоро ба ибодати Аллоҳи ягона ва бешарик ва инкор кардани ончи ғайр аз Аллоҳ парастида мешавад, даъват кунанд.

Паёмбарон ҳама аз ҷинси башар, мард ва бандагони Аллоҳ ҳастанд, онҳо ростгӯй ва тасдиқшуда, парҳезгор, амин, ҳидоятёфта ва роҳнамо ҳастанд. Худованд ононро бо муъҷизаҳое, ки ба нубуввати онҳо далолат мекунад, ёрӣ додааст. Онҳо ҳама ончиро, ки Аллоҳ фиристодааст ба башарият бе костӣ расонидаанд, ҳама дар роҳи ҳақ, дуруст ва равшан буданд.

Даъвати ҳамаи онон, аз аввалин то охиринашон, атрофи асли дин, ки тавҳиди Аллоҳ Таъоло дар ибодат ва ширк наовардан ба Ӯ аст, буд.

**Рукни панҷум: Имон ба рӯзи қиёмат.**

Худованд мефармояд:

﴿اللَّهُ لَا إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ لَيَجْمَعَنَّكُمْ إِلَىٰ يَوْمِ الْقِيَامَةِ لَا رَيْبَ فِيهِ وَمَنْ أَصْدَقُ مِنَ اللَّهِ حَدِيثًا﴾

(Аллоҳ Таъоло [ки маъбуди ростин аст ва] ҳеҷ маъбуде ҷуз Ӯ нест, яқинан, ҳамагӣ шуморо рӯзи қиёмат, ки тардиде дар [вуқуи] он нест, ҷамъ мекунад. Ва кист, ки аз Аллоҳ Таъоло ростгӯйтар бошад? ) (Сураи Нисо: 87)

Мо ба рӯзи охират, ки рӯзи қиёмат аст ва баъд аз он рӯзи дигаре нест, имон дорем. Ҳама ончи марбут ба он рӯз аст ва Парвардигори бузург дар Қуръони карим ва ё Паёмбарамон Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи он хабар додаанд, аз қабили марги инсон, баъс ва нушур, шафоъат, тарозу, ҳисоб, биҳишт ва дӯзах ва умури дигар, ки марбут ба он рӯз аст, имон дорем.

**Рукни шашум: Имон ба қадар, хайр ва шарри он**

Худованд мефармояд:

﴿إِنَّا كُلَّ شَيْءٍ خَلَقْنَاهُ بِقَدَرٍ﴾

(Бе тардид, Мо ҳар чизеро ба андоза офаридаем) (Сураи Қамар: 49)

Мо ба сарнавишти нек ва бад, ки Аллоҳ азза ва ҷалла аз рӯи илм ва ҳикмати Худ барои мавҷудот ҳукм кардааст ва ҳар воқеа, ки дар дунё болои махлуқот меояд, ба илму тақдири Аллоҳ Таъолост ва танҳо нақшаи Ӯ аст ва ҳеҷ шарике барои Ӯ нест, имон дорем. Ин ҳама

сарнавишт пеш аз офариниши инсон навишта шудааст ва инки инсон дар амал соҳиби ирода ва машият аст ва дар ҳақиқат амалҳои худро бо хоҳиши худ иҷро мекунад, имон дорем, аммо на берун аз илму иродат ва машияти Аллоҳ аст.

Имон ба қадар чаҳор дараҷа дорад:

Якум: Имон доштан ба илми ҷомеъи Аллоҳ Таъоло.

Дуввум: Имон доштан ба инки Аллоҳ Таъоло ҳама ончи то рӯзи қиёмат воқеъ мешавад, навиштааст.

Севум: Имон доштан ба иродаи муассир ва қудрати комили Аллоҳ Таъоло, ҳарчи Ӯ Таъоло бихоҳад мешавад ва ҳарчи нахоҳад намешавад.

Чаҳорум: Имон доштан ба инки Аллоҳ Таъоло Офаридгори ҳама чиз аст ва дар офариниш Ӯро шарике нест.

## Мартабаи севум: Эҳсон

Эҳсон ин аст, ки Аллоҳро чунон парастиш куни ки гӯӣ Ӯро мебини ва агар ту Ӯро намебинӣ, Ӯ туро мебинад. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿ إِنَّ اللَّهَ مَعَ الَّذِينَ اتَّقَوْا وَالَّذِينَ هُمْ مُحْسِنُونَ﴾

(Бе тардид, Аллоҳ Таъоло бо касоне аст, ки парҳезкорӣ кардананд ва касоне, ки накукоранд) (Сураи Наҳл: 128)

## Таҳорат

Худованд мефармояд:

﴿ إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ التَّوَّابِينَ وَيُحِبُّ الْمُتَطَهِّرِينَ﴾

(Ба ростӣ, ки Аллоҳ Таъоло тавбакунандагонро дӯст медорад ва покизагонро [низ] дӯст медорад) (Сураи Бақара: 222)

Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

(مَن تَوَضَّأَ نَحْوَ وُضُوئِي هذا، ثُمَّ صَلَّى رَكْعَتَيْنِ لا يُحَدِّثُ فِيهِما نَفْسَهُ، غَفَرَ اللَّهُ له ما تَقَدَّمَ مِن ذَنْبِهِ)

(Ҳар кӣ монанди таҳорати ман таҳорат кунад, сипас ду ракаъат намоз бихонад ва бо худ сухан нагӯяд, Худованд гуноҳони гузаштаи ӯро мебахшад) Ривояти Бухорӣ.

Яке аз аҳамиятҳои бузурги намоз ин аст, ки Аллоҳ Таъоло таҳоратро пеш аз он фарз гардонида ва онро шарти дуруст гардидани намоз қарор додааст, пас он калиди намоз аст ва эҳсоси фазилати он дилро муштоқи адои намоз мегардонад. Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

(الطُّهُورُ شَطْرُ الإيمانِ، والْحَمْدُ لِلَّهِ تَمْلأُ المِيزانَ، وسُبْحانَ اللهِ والْحَمْدُ لِلَّهِ تَمْلَآنِ -أَوْ تَمْلأُ- ما بيْنَ السَّمَواتِ والأرْضِ، والصَّلاةُ نُورٌ، والصَّدَقَةُ بُرْهانٌ، والصَّبْرُ ضِياءٌ، والْقُرْآنُ حُجَّةٌ لَكَ، أوْ عَلَيْكَ، كُلُّ النَّاسِ يَغْدُو فَبايِعٌ نَفْسَهُ فَمُعْتِقُها، أوْ مُوبِقُها)

(Покӣ нисфи имон аст, ва "Алҳамду лиллоҳ" тарозуро пур мекунад, ва "Субҳонал-лоҳи" ва "Алҳамду лиллоҳи" миёни осмон ва заминро пур мекунанд. Намоз нур аст, садақа бурҳон аст,

сабр равшанӣ аст ва Қуръон далел (ҳуҷҷат)-е аст барои ту ё бар алайҳи ту. Ҳамаи мардум субҳ (аз хона) берун мешаванд, дар ҳоле ки нафси худро фурӯхтаанд, пас он (яъне нафси худ)-ро ё озод кардаанд ва ё ҳалок сохтаанд). Ривояти Муслим.

Инчунин Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

(من توضأ فأحسن الوضوء خرجت خطاياه من جسده حتَّى تَخْرُجَ مِنْ تحتِ أَظفارِهِ)

(Ҳар кӣ таҳорат кунад ва онро ба хуби анҷом диҳад, гуноҳонаш аз танаш берун мешаванд, ҳатто аз зери нохунҳояш берун меоянд). Ривояти Муслим.

Банда бо анҷоми таҳорат, яъне бо покии ҳиссӣ ва бо адои ибодат, яъне бо покии маънавӣ, холисона барои Аллоҳ ва бо пайравӣ аз равиши Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам), ба назди Парвардигор меояд.

Амалҳое, ки таҳорат барои онҳо фарз аст.

1- Барои намоз, чи фарз бошад ва ё нофила.

2- Тавофи Каъба.

3- Ба даст гирифтани Қуръон.

Бо оби пок таҳорат ва ғусл мекунам:

Оби таҳур (пок): Обе аст, ки аз осмон фурӯд меояд ё аз замин мебарояд ва ҳамонгуна ба таври табиӣ боқӣ мемонад ва ҳеҷ яке аз се

сифати он, ранг, таъм ва бӯйи он бо чизҳое, ки покии онро аз байн мебарад тағйир намеёбад.

**Таҳорат**

1: Ният, ва ҷои он қалб аст. Маънои ният: азми дил барои анҷоми як ибодат барои наздик шудан ба Аллоҳ Таъоло.

2: Бисмиллоҳ гуфтан.

3: Се бор шустани дастон.

4: Мазмаза, се маротиба.

Мазмаза: Обро дар даҳон андохта обгардон мекунад ва сипас онро ба берун меандозад.

5: Истиншоқ сипас истинсор. Истиншоқ бо нафас кашидани об ба бинӣ аст.

Истинсор: баровардани ифлосиҳои бини бо фишор додани ҳавои бинӣ аст.

6: Шустани рӯй, се бор.

Ҳудуди рӯй:

Руй (чеҳра): финчи рӯй ба рӯй дида мешавад.

Паҳнoии он аз гӯш то гӯш аст.

Дарозии он аз дамидани мӯйи сар то охири манаҳ аст.

Шустани рӯй шомили тамоми мӯйҳои нозук ва баёзу ъузор (зулфҳо) аст.

Баёз: миёни рухсора ва нармии гӯш аст.

Ъузор (зулф): мӯйе дар устухони баромада аз тарафи рӯй дар баробари сурохии гӯш, ки ба сар мепайвандад ва то мехи гӯш мефарояд.

Шустани рӯй ҳамчунин шомили мӯйҳои ғафси риш ва мӯйҳои ҷудо ва тунуки атрофи он аст.

5: Се маротиба шустани дастон аз нуги ангуштон то оринҷҳо.

Шустани оринҷҳо низ аз фарзияти шустани дастҳо аст.

8: Як маротиба масҳ кашидани сар ва гӯшҳо бо дастон.

Масҳ ин гуна аст, ки дастҳоро аз пеши сар ба тарафи пушти сар ҳаракат медиҳад ва сипас онҳоро бармегардонад.

Ангушти ишораро дар гӯшҳо ва ангушти калониро дар беруни гӯшҳо мегузорад ва ҳамингуна дарун ва беруни гӯшҳоро масҳ мекунад.

9: Се маротиба шустани пойҳо, оғоз аз ангуштон то буҷулакҳо. Шустани буҷулакҳо низ аз фарзияти шустани пойҳо аст.

Буҷулак: ду устухони барҷаста дар поёни пой.

10: Гуфтани дуои зер пас аз анҷоми таҳорат суннат аст: "Ашҳаду ал-ло илоҳа иллаллоҳ ваҳдаҳу ло шарика лаҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу. Аллоҳуммаҷ-ъалнӣ минат-таввобин ваҷ-ъални минал-мутатаҳҳирин" Бинобар фармудаи Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ҳар кӣ таҳорат кард ва онро ба некӣ анҷом дод ва сипас гуфт: "Ашҳаду ал-ло илоҳа иллаллоҳ ваҳдаҳу ло шарика лаҳу ва

ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу. Аллоҳуммаҷ-ъалнӣ минат-таввобин ваҷ-ъални минал-мутатаҳҳирин" барояш ҳашт дари биҳишт кушода мешавад ва аз кадоме аз онҳо бихоҳад вориди биҳишт мешавад) Ривояти Тирмизӣ.

Таҳорат бо ин чанд умури зер мешиканад:

1. Он чи аз ду роҳ берун меояд, аз қабили пешоб, наҷосат, бод, манӣ ва мазӣ.

2. Заволи ақл бо сабаби хоби сангин, беҳушӣ, мастӣ ва девонагӣ.

3. Ҳар ончи сабаби воҷиб шудани ғусл мешавад, монанди ҷанобат, ҳайз ва нифос.

Ҳаргоҳ инсон ба қазои ҳоҷат рафт, бояд наҷосатро ё бо оби пок (зеро оби пок беҳтар аст) ё бо чизи дигар, ки наҷосатро пок мекунад, монанди санг, кулух, коғаз ва матоъ пок кунад, ба ин шарт, ки бо он чизи пок се бор ва ё бештар аз он тоза кунад.

**Масҳ кашидан бар маҳсӣ (мӯза) ва ҷуроб**

Шарт ва ҳолатҳое, ки бар маҳсӣ ва ҷӯроб масҳ кашида мешавад иборатанд аз:

1. Баъд аз ғусли аз ҷанобат ва ё пас аз таҳорат пӯшида бошад.

2. Маҳсӣ ё ҷӯроб аз наҷосат пок бошанд.

3. Масҳ дар муддати муқараршуда анҷом дода шавад.

4. Маҳсӣ ё ҷӯроб аз моли ҳалол бошанд, дуздӣ ё ғасб нашуда бошанд.

Маҳсӣ: ончи аз пӯсти тунук ва амсоли он сохта шудааст, монанди мӯза, ё кафшҳое, ки пойро мепӯшонад. Ҷуроб: аз матоъ ва амсоли он сохта шудааст ва бар пой пӯшида мешавад.

Ҳикмати машрӯъияти масҳ бар маҳсӣ: ҳикмати масҳ бар ҷӯроб осонӣ ва роҳат барои мусалмонон аст, чун кашидани маҳсӣ ё ҷӯроб аз пойҳо ва шустани онҳо, ба хусус дар фасли зимистон ва сармои шадид ва ҳангоми сафар душвор аст.

Муддати масҳ барои муқим (шахсе, ки дар ҳолати сафар нест) як шабонарӯз (24 соат) ва барои мусофир се шабонарӯз (72 соат) аст.

Муддати масҳ аз аввалин масҳ бар маҳсӣ ё ҷуроб пас аз шикастани таҳорат оғоз меёбад.

Равиши масҳ кашидан бар маҳсӣ ё ҷуроб:

1. Тар кардани дастон.

2. Бо ангуштони даст аз нуги ангуштон то болои пой кашида мешавад.

3. Пои рост бо дасти рост ва пои чап бо дасти чап масҳ карда мешавад.

Шикanандаҳои масҳ: 1. Ончи ғуслро воҷиб мегардонад. 2. Ба охир расидани муҳлати масҳ.

**Ғусл**

Агар мард ё зан алоқаи ҷинсӣ анҷом диҳад, агарчи оби манӣ набарояд, ё дар ҳолати бедорӣ манӣ аз онҳо бо шаҳват барояд ва ё дар хоб берун ояд, ғусл бар онҳо воҷиб мегардад, то

битавонад намози худ ё амалҳои дигар, ки барои он таҳорат лозим аст, адо намоянд. Инчунин агар зан аз ҳайз ё аз нифос пок шавад, қабл аз адои намоз ё амалҳое, ки барои онҳо таҳорат лозим аст, ғусл барояш воҷиб мешавад.

Равиши ғусл:

Шустани тамоми бадан бо об ва ба ҳар сурате, ки мумкин аст, аз ҷумла мазмаза ва истиншоқ (шустани даҳон ва бинӣ). Агар тамоми баданро бо об бишӯяд, ҳадаси акбар (ҷанобат, ҳайз, нифос ва ғайра) аз ӯ рафъ гашта таҳорат комил мешавад.

Тарзи комилтари анҷоми ғусл ҳам вуҷӯд дорад, ки Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) анҷом медод, ва он ба равиши зер аст:

1. Нияти рафъи ҳадас (аз ҷанобат, ҳайз ва нифос)

2. "Бисмиллоҳ" гуфтан ва се бор шустани дастон ва сипас шустани аврат.

3. Таҳорати комил кардан, ҳамон гуна, ки мусалмон барои намоз таҳорат мекунад.

4. Се бор об рехтан бар сар, то об ба решаи мӯйҳо бирасад.

5. Об расонидан ба тамоми бадан, самти рости баданро шуста сипас тарафи чапро оғоз мекунад, ва бо дастон танашро масҳ медиҳад то об ба тамоми бадан бирасад.

Амалҳое, ки пеш аз ғусл барои шахси ҷунуб ҳаром аст:

1. Намоз.

2. Тавофи Каъба.

3. Истодан дар масҷид, аммо гузаштан аз масҷид ҷоиз аст.

4. Ба даст гирифтани Мусҳаф (Қуръони карим).

5. Қуръон хондан.

**Таямум**

Агар барои мусалмон об фароҳам набошад, ки таҳорат кунад, ё ба сабаби беморӣ ё чизи дигар об ба ӯ зарар расонад ва хавфи қазо шудани намоз бошад, бо хок таямум мекунад. (ва намозро ба ҷо меорад)

Тарзи таямум кардан чунин аст: бо дастон як зарба мезанад ва рӯй ва дастонашро бо он масҳ мекунад. Аз шартҳои таямум пок будани хок аст.

Шикнандаҳои таямум иборатанд аз:

1. Ҳар ончи таҳоратро мешиканад, таямумро низ мешиканад.

2. Пайдо шудани об қабл аз адои ибодате, ки барои он таямум кардааст.

## Намоз

Аллоҳ Таъоло барои мусалмон дар як шабонарӯз панҷ вақт намозро фарз гардонидааст, ки ба шакли зеранд: бомдод, пешин, аср, шом ва хуфтан.

## Омода шудан барои намоз

Ҳаргоҳ вақти намоз фаро расад мусалмон таҳорат мекунад ва худро аз ҳадаси асғар ва ҳадаси акбар, пок мекунад.

Ҳадаси акбар: он аст, ки барои рафъи он ғусл мекунад.

Ҳадаси асғар: он аст, ки барои он таҳорат мекунад.

Мусулмон бо либоси пок, дар ҷои пок аз наҷосат ва аврати худро пӯшонда намоз мегузорад.

Мусулмон дар намоз худро бо либоси муносиб ороста бо он бадани худро мепӯшонад, ва намоён шудани чизе аз бадан аз зери ноф то зону ҷоиз нест.

Зан дар намоз бояд ғайр аз рӯй ва дастон тамоми баданашро бипӯшонад.

Мусалмон дар намоз ғайр аз калимоте, ки махсуси намоз аст дигар чизеро ба забон намеорад, ӯ ба қироати имом гӯш медиҳад ва ба ҳар тараф рӯй намегардонад. Агар аз ҳифз кардани калимот ва ақволи хосси намоз оҷиз ояд зикру тасбеҳ мегӯяд, то намозашро ба поён расонад ва то метавонад ҳарчи зудтар барои омӯхтани намоз ва ақволи хосси он шитоб намояд.

Барои ба тарзи дуруст гузоштани намоз ин чанд нуқтаро ба ёд дошта бошем ва аз онҳо пайравӣ кунем:

1: Ният барои намози фарзӣ ва вақтӣ, ки бояд адо намоям, ва маҳали ният қалб аст.

Баъд аз таҳорат рӯй ба қибла оварда, агар тавон дошта бошам рост истода намозро мегузорам.

2: Дастонро баробар бо китфҳо боло бардошта бо нияти дохил шудан ба намоз "Аллоҳу акбар" мегӯям.

3: Хондани дуъои истифтоҳ, ба гунае, ки ворид шудааст, аз ҷумла гуфтани:

(سُبْحَانَكَ اللَّهُمَّ وَبِحَمْدِكَ، وَتَبَارَكَ اسْمُكَ، وَتَعَالَى جَدُّكَ، وَلَا إِلَهَ غَيْرَكَ).

(Субҳонака-ллоҳумма ва биҳамдика, ва таборака-смука ва таъоло ҷаддука, ва ло илоҳа ғайрука).

4: Паноҳ бурдан ба Аллоҳ аз шайтони раҷим, яъне бигӯям:

(أعوذُ باللهِ من الشيطان الرجيم).

(Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим).

5: Сураи Фотиҳаро дар ҳама ракъатҳо мехонам, ки чунин аст:

﴿الْحَمْدُ لِلَّهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ * الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ * مَالِكِ يَوْمِ الدِّينِ * إِيَّاكَ نَعْبُدُ وَإِيَّاكَ نَسْتَعِينُ * اهْدِنَا الصِّرَاطَ الْمُسْتَقِيمَ * صِرَاطَ الَّذِينَ أَنْعَمْتَ عَلَيْهِمْ غَيْرِ الْمَغْضُوبِ عَلَيْهِمْ وَلَا الضَّالِّينَ﴾.

(Алҳамду лиллоҳи раббил-ъоламин*
Арраҳмонир-раҳим*

Молики явмиддин*
Ийёка наъбуду ва ийёка настаъин*
Иҳдинас-сиротал-мустақим*
Сиротал-лазина анъамта ъалайҳим ғайрил-мағзуби ъалайҳим ва лаз-золлин).

Сипас "Омин" мегӯям, ки маънояш "Илоҳо иҷобат кун" аст.

Пас аз сураи "Фотиҳа" фақат дар ракъати якум ва дуюми ҳар намоз миқдоре аз оёт, ки бароям муяссар шавад мехонам. Хондани чанд оят пас аз сураи Фотиҳа аз фарзиёт нест, аммо хонданаш аҷри бузург дорад.

6: "Аллоҳу акбар" мегӯям ва рукуъ мекунам, пуштро ҳамвор медорам ва дастонамро бо ангуштони густарда бар зонуҳо мегузорам, сипас дар ҳолати рукуъ се маротиба "Субҳона раббиял-ъазим" мегӯям.

7: Вақти аз рукуъ бархостан "Самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ" мегӯям ва дастонро баробар ба китфҳо мебардорам, ва чун қоматам рост шуд "Раббано ва лакал-ҳамд" мегӯям.

8: Боз "Аллоҳу акбар" гуфта ба саҷда меравам, дастону зонуҳо, қадамҳо, пешонӣ ва биниро бар замин мегузорам ва дар он ҳолат се маротиба "Субҳона раббиял-аъло" мегӯям.

9: Боз "Аллоҳу акбар" мегӯям ва аз саҷда бармехезам, миёнро рост ва бар болои пои чап нишаста пои ростро рост мекунам ва се бор " Раббӣ иғфир лӣ" мегӯям.

10: "Аллоҳу акбар" гуфта бори дигар мисли саҷдаи аввал боз саҷда мекунам.

11: "Аллоҳу акбар" мегӯям ва аз саҷда ба қиём бармехезам ва дар ракъатҳои дигар ҳамон амалҳоеро анҷом медиҳам, ки дар ракаъати аввал анҷом додам.

Пас аз ракъати дуввум, дар намозҳои пешин, аср, шом ва хуфтан барои хондани ташаҳуди аввал ба қаъда менишинам, ва хондани ташаҳуд ба шакли зер аст:

(التحيات لله والصلوات والطيبات، السلام عليك أيها النبي ورحمة الله وبركاته، السلام علينا وعلى عباد الله الصالحين، أشهد أن لا إله إلا الله، وأشهد أن محمدًا عبده ورسوله)

(Аттаҳиёту лиллоҳи вас-салаввоту ват-тайибот. Ассалому ъалайка ай-юҳан-набӣ ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ. Ассалому ъалайно ва ъало ибодиллоҳис-солиҳин. Ашҳаду ал-ло илоҳа иллалоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳу). Сипас барои ракаъати севум бармехезам.

Пас аз ракъати охири аз ҳар намоз барои хондани ташаҳуди охир менишинам ва мегӯям:

(التحيات لله والصلوات والطيبات، السلام عليك أيها النبي ورحمة الله وبركاته، السلام علينا وعلى عباد الله الصالحين، أشهد أن لا إله إلا الله، وأشهد أن محمدًا عبده ورسوله، اللهم صلِّ على محمد وعلى آل محمد، كما صليت على إبراهيم وعلى آل إبراهيم، إنك حميد مجيد. اللهم بارك على محمد وعلى آل محمد، كما باركت على إبراهيم وعلى آل إبراهيم، إنك حميد مجيد)

(Аттаҳиёту лиллоҳи вас-салаввоту ват-тайибот. Ассалому ъалайка ай-юҳан-набӣ ва

раҳматуллоҳи ва баракотуҳ. Ассалому ъалайно ва ъало ибодиллоҳис-солиҳин. Ашҳаду ал-ло илоҳа иллалоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳу.

Аллоҳумма саллӣ ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммад, камо саллайта ъало Иброҳима ва ъало оли Иброҳим, Иннака ҳамидум-маҷид. Аллоҳумма борик ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммад, камо боракта ъало Иброҳима ва ъало оли Иброҳим, Иннака ҳамидум-маҷид).

12: Сипас ба қасди хориҷ шудан аз намоз ба тарафи рост салом медиҳам ва мегӯям: "Ассалому ъалайкум ва раҳматуллоҳ" ва ба тарафи чап салом медиҳам ва мегӯям "Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳ" ва ҳамингуна намоз ба поён мерасад.

## Ҳиҷоби зани мусалмон

Худованд мефармояд:

﴿ يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ قُلْ لِأَزْوَاجِكَ وَبَنَاتِكَ وَنِسَاءِ الْمُؤْمِنِينَ يُدْنِينَ عَلَيْهِنَّ مِنْ جَلَابِيبِهِنَّ ذَلِكَ أَدْنَى أَنْ يُعْرَفْنَ فَلَا يُؤْذَيْنَ وَكَانَ اللَّهُ غَفُورًا رَحِيمًا﴾

(Эй паёмбар, ба ҳамсарон ва духтаронат ва дигар занони мӯъмин бигӯ, ки чодарҳояшонро ба шоистагӣ бар [сар ва синаи] хеш бияфкананд. Ин [гуна пӯшиш] муносибтар аст ба инки [дар ҷомеа матонат ва виқор] шинохта шаванд ва [дар натиҷа] мавриди озор [ҳарзагон] қарор нагиранд, ва Аллоҳ Таъоло омӯрзандаи меҳрубон аст) (Сураи Аҳзоб: 59)

Худованд ҳиҷоб бар зани мусалмонро воҷиб қарор додааст ва ӯ аврат ва бадани худро аз чашми мардони бегона бо либоси маъмул дар кишвари худ мепӯшонад. Зан ҳиҷобро ҷуз назди шавҳар ва маҳрамони худ намекашад. Маҳрамони зани мусалмон касоне ҳастанд, ки ҳаргиз иҷозати издивоҷ бо онҳоро надорад ва онҳо иборатанд аз: (падар, падари падар ва ҳамингуна то боло, писар ва писари писар ва ҳамингуна то поён, амак, тағо, бародар, писари бародар ва писари хоҳар, шавҳари модар, падари шавҳар ҳаминхел то боло, писари шавҳар ва ҳаминхел то поён, бародари ширхора ва шавҳари зани доя. Ончи аз сабаби насаб ҳаром аст ба сабаби разоат низ ҳаром мегардад.

Зани мусалмон дар либоси худ чанд қоидаро риоя мекунад:

Якум: Пӯшонидани тамоми бадан

Дуввум: Либосаш набояд барои нишон додани зиннат назди мардони бегона бошад.

Сеюм: либос набояд ба он андоза шаффоф бошад, ки бадани зан намоён гардад.

Чаҳорум: на танг бошад, ки барҷастагии бадан намоён гардад.

Панҷум: аз атр ва хушбӯӣ задан, ки чун аз назди мардони бегона гузарад ва ба машоми онҳо бирасад, парҳез мекунад.

Шашум: монанди пӯшиши мардон набошад.

Ҳафтум: Набояд ба либоси занони ғайримусалмон, ки дар ибодот ва маросими хоси худ мепӯшанд, шабоҳат дошта бошад.

Ҳаштум: барои шӯҳрат ва худнамоӣ набошад.

## Хусусиятҳои мӯъмин

Худованд мефармояд:

﴿ إِنَّمَا الْمُؤْمِنُونَ الَّذِينَ إِذَا ذُكِرَ اللَّهُ وَجِلَتْ قُلُوبُهُمْ وَإِذَا تُلِيَتْ عَلَيْهِمْ آيَاتُهُ زَادَتْهُمْ إِيمَانًا وَعَلَى رَبِّهِمْ يَتَوَكَّلُونَ﴾

(Бе тардид, мӯъминон [-и ҳақиқӣ] касоне ҳастанд, ки чун ёди Аллоҳ Таъоло мешавад, дилҳояшон ҳаросон мегардад ва чун оёташ бар онон хонда мешавад, бар имонашон меафзояд ва бар Парвардигорашон таваккал мекунанд) (Сураи Анфол: 2)

- Дар гуфтори худ содиқ ва аз дуруғ мепарҳезад.
- Бар аҳд ва паймон вафодор аст.
- Дар баҳсу ниқош бадзабонӣ намекунад.
- Амонатдор аст.
- Он чиро барои худ дӯст медорад, барои бародари мусалмонаш дӯст медорад.
- Саховатманд аст.
- Ба мардум некӣ мекунад.
- Робитаи хешовандиро иҷро мекунад.
- Аз тақдири илоҳӣ розӣ аст, дар фароҳӣ Худоро шукр мегӯяд ва дар тангӣ сабр мекунад.
- Боҳаё аст.
- Бар махлуқот раҳм мекунад.

- Дилаш аз кина ва узвҳояш аз таҷовуз ба дигарон пок аст.

- Одамонро мебахшад.

- Рибо намехурад ва бо он муомила намекунад.

- Зино намекунад.

- Арақ наменӯшад.

- Ба ҳамсоягон некӣ мекунад.

- Зулм ва хиёнат намекунад.

- Дуздӣ ва фиребгарӣ намекунад.

- Бо падару модар некукор аст, агарчи мусалмон набошанд ва дар корҳои шоиста аз онҳо итоат мекунад.

- Фарзандони худро ба некӣ тарбия мекунад, онҳоро ба иҷрои фарзҳои динӣ амр мекунад ва аз корҳои паст ва ҳаром бозмедорад.

- Ба кирдори ғайримусулмонон, ончи вижаи дину мазҳаб ва расму оини онҳост, тақлид ва шабоҳат намекунад.

- Ба даргоҳи Худованд тавба мекунад ва барои тақсир ва гуноҳон омӯрзиш мехоҳад.

## Қоидаҳои муҳим дар эътиқоди мусалмон

1. Аллоҳ Парвардигори мост, нест худои барҳақ, магар Ӯ, ҷуз Ӯ парвардигор ва илоҳ нест, ҳеҷ чиз монанди Ӯ нест ва чизе Ӯро нотавон карда наметавонад ва Ӯ шунаво ва бино аст.

2. Аллоҳ субҳонаҳу ва Таъоло дар осмон аст, болотар аз тамоми махлуқот ва ҷудо аз онҳо,

волоии мутлақ танҳо Ӯрост, дар зот, дар қудрат ва дар фармонравой, Ӯ субҳонаҳу ва Таъоло бар ҳама чиз иҳота дорад.

3. Асмо ва сифотро, ки Аллоҳ Таъоло барои Худ ё Паёмбараш Муҳаммад (Салдлалоҳу алайҳи ва саллам) барои Ӯ Таъоло исбот намудааст, исбот мекунем ва ончиро Аллоҳ Таъоло аз Худ ва ё Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) аз Ӯ Таъоло нафй кардааст, нафй мекунем.

4. Аллоҳ Таъоло дуоҳоро иҷобат мекунад, ҳоҷатҳоро баровaрда месозад ва молики ҳама чиз аст, зарар ва нафъ ҳама аз тарафи Ӯ Таъолост, банда ҳатто дар як пинак задан ҳам аз Ӯ мустағнӣ нест, ҳеҷ навъе аз ибодот, монанди дуо, намоз, назр, забҳ, хавф, умед, таваккал ва дигар ибодоти зоҳирӣ ва ботиниро барои ҷуз Аллоҳ анҷом намедиҳад. Ҳар кӣ ибодатеро барои ғайри Аллоҳ анҷом диҳад барои Аллоҳ шарик қарор додааст.

5. Бузургтарини гуноҳони кабира ширк овардан ба Аллоҳ аст. Ҳар касе бар ширк бимирад Аллоҳ биҳиштро барои ӯ ҳаром гардонида аст ва маъвояш оташи дӯзах аст. Ширк ҳамон гуноҳе аст, ки агар банда қабл аз тавба бар он бимирад, Аллоҳ ӯро намебахшад.

6. Ончи ба банда нарасид, (дар тақдир ҳамин буд, ки) ба ӯ намерасид, ва ончи ба ӯ расид, бояд ба ӯ мерасид. Мусалмон бояд ба қазо ва қадари

илоҳӣ имон оварад ва аз тақдири илоҳӣ розӣ бошад ва дар ҳама аҳвол шукргузори Парвардигораш бошад ва Ӯро ситоиш кунад.

7. Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) беҳтарини башарият ва хотами паёмбарон аст ва ӯ шафоаткунанда дар рӯзи қиёмат аст. Аллоҳ Таъоло ӯро халили Худ гирифтааст, чунончи Иброҳим (Алайҳис-салом)-ро халили Худ гирифта буд.

8. Китоби мо Қуръони карим аст, Қуръони карим як мӯъҷизае аст, ки ҳақонияташ қатъӣ ва хонданаш ибодат аст. Аллоҳ Таъоло онро ба воситаи Ҷабраил (Алайҳис-салом), ки беҳтарини фариштагон аст, ба паёмбарамон Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) нозил кард. Худованд онро аз тағйир ва таҳриф ҳифз намудааст, чунончи мефармояд:

﴿إِنَّا نَحْنُ نَزَّلْنَا الذِّكْرَ وَإِنَّا لَهُ لَحَافِظُونَ﴾

(Ба ростӣ, ки мо худ Қуръонро нозил кардем ва ҳатман, худ низ [аз ҳар гуна табдилу таҳрифе] нигаҳбонаш ҳастем) (Сураи Ҳиҷр: 9)

9. Наздиктарин мардумон ба Аллоҳ Таъоло касоне ҳастанд, ки аз ҳама бештар аз Аллоҳ Таъоло итоат мекунанд ва аз шариъати Ӯ Таъоло ба таври қатъӣ пайравӣ мекунанд. На араб бар аҷам бартарӣ дорад ва на сиёҳ бар сафед, магар аз рӯйи парҳезгорӣ. Мардум ҳама

аз Одам ва Одам аз хок аст, Худованд мефармояд:

﴿ إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِنْدَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ﴾

(Бе тардид, бузургвортарини шумо назди Аллоҳ Таъоло парҳезкортарини шумост;) (Сураи Ҳуҷурот: 13).

10. Мусалмон ба вуҷӯди фариштагони кироман-котибин имон ва яқин дорад. Фариштагон бандагоне ҳастанд, ки аз нур офарида шудаанд ва аз ҷумлаи махлуқоти Аллоҳ Таъоло ҳастанд, аз ҷумла Ҷабраил (Алайҳис-салом) аст, ки масъули ваҳй ва Исрофил масъули нафх дар сур ва малакулмавт масъул ба қабзи арвоҳи бандагон аст.

11. Мусалмон ба нишонаҳои қиёмат, хуруҷи масеҳи Даҷҷол, нузули Исо ибни Марям (Алайҳис-салом) аз осмон дар охири замон ва тулӯъи офтоб аз мағриб имон дорад.

12. Мусалмон ба азоби қабр, барои ҳар кӣ сазовори он аст ва ба неъмат дар қабр барои ҳар кӣ сазовори он аст, ба саволи Мункар ва Накир дар қабр аз Парвардигораш, аз динаш ва аз паёмбараш, ва инки қабр боғе аз боғҳои биҳишт ё чоҳе аз чоҳҳои дӯзах аст, имон дорад.

13. Мусалмон ба зинда гардонидани баъд аз миронидан, ба подоши аъмол дар рӯзи қиёмат ва инки биҳишт ва дӯзах офарида шудаанд ва дигар фано намешаванд, имон дорад.

14. Сеҳру ҷоду куфр варзидан ба Аллоҳ аст ва омӯхтани сеҳр ва ба назди соҳирон рафтан ҷоиз нест. Мусалмон коҳинон ва фолбинонро тасдиқ намекунад ва ҳар кӣ ононро тасдиқ кунад ба ончи бар Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) нозил шудааст, кофир шудааст.

15. Мусалмон ёрони Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва касонеро, ки онҳоро дӯст медорад, дӯст медорад ва касонеро, ки онҳоро бад мебинад, бад мебинад, зеро дӯст доштани онҳо дин ва эҳсон ва бад диданашон куфр ва нифоқ аст. Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармудааст: (Асҳоби маро дашном надиҳед) ривояти Муслим. Ҳар кӣ аз саҳобагон (Разияллоҳу анҳум) интиқод ё бадномашон мекунад, мубтадиъ ва гумроҳ аст.

16. Мусалмон хилофат пас аз Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам)-ро ба ашхоси дар зер (Худо аз онҳо розӣ бод) тасдиқ мекунад: Якум: Абубакри Сиддиқ (Разияллоҳу анҳу), бинобар бартарияти ӯ бар тамоми уммат. Сипас Умар ибни Хаттоб (Разияллоҳу анҳу) ва пас аз ӯ Усмон ибни Аффон (Разияллоҳу анҳу) ва сипас Алӣ ибни Абутолиб (Разияллоҳу анҳу), ки онҳо ҳама халифаҳои рошидин ва имомони муҳтадин ҳастанд.

Ҳама ибодот тавқифӣ ҳастанд, ҳар ибодат, ки дар китоби Аллоҳ ва суннати Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) собит нест,

ибодат кардани Аллоҳ Таъоло бо он ҷоиз нест. Ҳар навъе аз ибодот, ки мардум пас аз вафоти Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) овардаанд ва мувофиқ ба роҳнамоии ӯ нест бидъат ва мардуд аст. Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: (Ҳар касе дар дини мо чизе нав оварад, ки аз дин набошад, мардуд аст) ривояти Бухорӣ.

18. Қабули ибодат марбут ба ду рукни асосӣ аст: якум, ихлос дар ибодат ба Аллоҳ Таъоло ва дуюм пайравӣ аз Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам). Бинобар ин агар ибодат холис барои Аллоҳ набошад пазируфта намешавад, ҳамонгуна, ки агар мувофиқ ба ҳидоят ва роҳнамоии Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) набошад, низ пазируфта намешавад.

## Хушбахтии ман дар динам, Ислом аст

Худованд мефармояд:

﴿مَنْ عَمِلَ صَالِحًا مِنْ ذَكَرٍ أَوْ أُنْثَى وَهُوَ مُؤْمِنٌ فَلَنُحْيِيَنَّهُ حَيَاةً طَيِّبَةً وَلَنَجْزِيَنَّهُمْ أَجْرَهُمْ بِأَحْسَنِ مَا كَانُوا يَعْمَلُونَ﴾

(Ҳар кас -аз мард ё зан- ки кори нек кунад ва мӯъмин бошад, ҳатман, ӯро [дар дунё] ба зиндагонии поку писандидае зинда медорем ва [дар охират низ] бар асоси накӯтарин [тоат ва] коре, ки мекарданд, ба онон подош медиҳем) (Сураи Наҳл: 97)

Яке аз бузургтарин омилҳое, ки ба қалби мусалмон шодӣ, хушбахтӣ ва саодатмандӣ

мебахшад, иртиботи мустақими ӯ бо Парвардигори худ бидуни воситае аз миёни мурдагон ё ашхоси зинда ва бутҳо аст. Аллоҳ Таъоло дар Қуръони карим зикр кардааст, ки Ӯ ҳамеша ба бандагонаш наздик аст, онҳоро мешунавад ва дуъояшонро иҷобат мекунад, чунончи Ӯ Таъоло мефармояд:

﴿وَإِذَا سَأَلَكَ عِبَادِي عَنِّي فَإِنِّي قَرِيبٌ أُجِيبُ دَعْوَةَ الدَّاعِ إِذَا دَعَانِ فَلْيَسْتَجِيبُوا لِي وَلْيُؤْمِنُوا بِي لَعَلَّهُمْ يَرْشُدُونَ﴾

(Ва [эй Паёмбар] чун бандагонам дар бораи Ман аз ту бипурсанд, [ба онон] бигӯ: Ман наздикам ва дуои дуокунандаро –ҳангоме ки маро бихонад– иҷобат мекунам, пас, [онон фақат] бояд даъвати Маро бипазиранд ва ба Ман имон биёваранд; бошад, ки роҳ ёбанд) (Сураи Бақара: 186), Худованд ба мо фармудааст аз Ӯ бихоҳем ва ба сӯи Ӯ дуо намоем, ва ин амалро аз бузургтарин ибодоте қарор додааст, ки мусалмон ба василаи он ба Парвардигораш қариб мешавад, чунончи Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَقَالَ رَبُّكُمُ ادْعُونِي أَسْتَجِبْ لَكُمْ إِنَّ الَّذِينَ يَسْتَكْبِرُونَ عَنْ عِبَادَتِي سَيَدْخُلُونَ جَهَنَّمَ دَاخِرِينَ﴾

(Парвардигоратон фармуд: «Маро бихонед, то [дуои] шуморо иҷобат кунам. Касоне, ки аз ибодати Ман саркашӣ мекунанд, ба зудӣ бо хорӣ ба ҷаҳаннам ворид мешаванд») (Сураи Ғофир: 60), Мусалмони нек ҳамеша ниёзманд ба

Парвардигораш аст, ҳамеша ба сӯи Ӯ дуъо мекунад ва бо ибодатҳои солеҳ ба Ӯ наздик мешавад.

Худованд дар ин олам моро беҳуда наофарида аст, балки барои як ҳикмати бузург халқ кардааст, яъне танҳо барои ибодати Ӯ Таъоло. Худованд барои мо дини комилеро ихтиёр фармуд, ки тамоми корҳои шахсӣ ва ҷамъиятии моро ба танзим меорад. Худованд бо ин шариъати одил заруриёт ва ниёзҳои ҳаёти моро, ки ҳамон дини мо, нафсҳои мо, номуси мо ва амволи мост, ҳифз намуд. Ҳар кӣ дар зиндагӣ аз ин шариъат пайравӣ кунад, авомири онро ба ҷо орад ва аз навоҳияш дурӣ ҷӯяд, зиндагии ором ва босаодатро ба даст овардааст.

Робитаи амиқи мусалмон бо Парвардигораш барояш таскини рӯҳӣ, эҳсоси оромӣ, амонӣ, хурсандӣ ва инояту ғамхории Парвардигорашро мебахшад, Худованд мефармояд:

﴿ اللَّهُ وَلِيُّ الَّذِينَ آمَنُوا يُخْرِجُهُمْ مِنَ الظُّلُمَاتِ إِلَى النُّورِ﴾

(Аллоҳ Таъоло ёвар [ва корсози] касоне аст, ки имон овардаанд; ононро аз торикиҳо ба сӯи нур берун мебарад;) (Сураи Бақара: 257).

Ин робитаи олӣ як ҳолати виҷдонӣ аст, ки боиси лаззати парастиши Аллоҳи Раҳмон ва орзуи дидор бо ӯ мегардад ва бо эҳсоси

ширинии имон қалби ӯро дар осмони саодат баланд мекунад.

Ҳаловате, ки танҳо лаззати онро касоне васф карда метавонанд, ки онро бо анҷоми тоъот ва парҳез аз бадиҳо чашидаанд. Паёмбари Аллоҳ (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

(ذاق طعم الإيمان من رضي بالله ربًا وبالإسلام دينًا وبمحمد رسولًا)

(Ҳаловати имонро касе чашидааст, ки ба Аллоҳ Парвардигори худ ва ба Ислом дини худ ва бар Муҳаммад ҳамчун паёмбари худ розӣ бошад) Ривояти Муслим.

Оре, агар инсон ҳузури доимии худ дар назди Офаридгорашро эҳсос кунад, Ӯро бо ном ва сифатҳои зебояш бишиносад, онгуна Ӯро ибодат кунад, ки гӯӣ Ӯро мебинад, ибодаташро холисона барои Аллоҳ анҷом диҳад ва ҷуз Ӯ Таъоло касеро наҷӯяд, дар дунё ҳаёти саодатманд ва дар охират ҳусни хотима хоҳад дошт.

Ҳатто мусибатҳое, ки дар дунё бар мӯъмин ворид мешавад, гармии он бо сардии яқин ва ризо ба тақдири илоҳӣ ва ҳамду санои Ӯ бар ҳама ақдори некӣ ва бадӣ, бартараф мегардад.

Он чӣ мусалмон бояд барои зиёд шудани хушбахтӣ ва оромиши рӯҳии худ ба он таваҷҷуҳ кунад, бештар зикр кардани Аллоҳ Таъоло аст, Қуръон хондан аст, чунончи Аллоҳ Таъоло фармудааст:

﴿ الَّذِينَ آمَنُوا وَتَطْمَئِنُّ قُلُوبُهُمْ بِذِكْرِ اللَّهِ أَلَا بِذِكْرِ اللَّهِ تَطْمَئِنُّ الْقُلُوبُ﴾

([Ҳамон] Касоне, ки имон овардаанд ва дилҳояшон ба ёди Аллоҳ Таъоло ором мегирад, бидонед, ки бо ёди Аллоҳ Таъоло аст, ки дилҳо ором мегирад) (Сураи Раъд: 28) Мусалмон ба ҳар андоза, ки Аллоҳро ёд кунад ва Қуръон бихонад, ба ҳамон андоза иртиботи ӯ бо Аллоҳ Таъоло меафзояд, рӯҳаш пок ва имонаш қавӣ мегардад.

Ҳамингуна мусалмон бояд муштоқи омӯхтани дини худ аз сарчашмаҳои дуруст бошад, то Аллоҳ Таъолоро аз рӯи илм ва басират бипарастад, чунончи Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармудааст:

(طلب العلم فريضة على كل مسلم)

(Талаби илм барои ҳар мусалмон фарз аст) Ривояти ибни Моҷаҳ. Мутеъ аз авомири Аллоҳ Таъоло бошад, ки ӯро офаридааст, чи ҳикмат аз офаринишро бидонад ва ё надонад, чунончи Аллоҳ Таъоло фармудааст:

﴿ وَمَا كَانَ لِمُؤْمِنٍ وَلَا مُؤْمِنَةٍ إِذَا قَضَى اللَّهُ وَرَسُولُهُ أَمْرًا أَنْ يَكُونَ لَهُمُ الْخِيَرَةُ مِنْ أَمْرِهِمْ وَمَنْ يَعْصِ اللَّهَ وَرَسُولَهُ فَقَدْ ضَلَّ ضَلَالًا مُبِينًا﴾

(Барои ҳеҷ мард ва зани мӯъмине шоиста нест, ки вақте Аллоҳ Таъоло ва расулаш ба коре фармон медиҳанд [дар иҷрои он фармон] ихтиёре дошта бошанд; ва ҳар ки аз Аллоҳ Таъоло ва расулаш нофармонӣ кунад, ҳаққо, ки

дар гумроҳии ошкоре гирифтор шудааст) (Сураи Аҳзоб: 36)

Ва саллалоҳу ва саллам ъало набийино Муҳаммад ва ъало олиҳи ва саҳбиҳи аҷмаъин

# Феҳраст

Хулосаи муфид барои мусалмон .......... 2
Муқаддима .......... 2
Ҳикмат аз офариниши бандагон .......... 3
Парвардигори ман Аллоҳ аст .......... 4
Аз ҷумлаи номҳои зебои Ӯ: .......... 5
Паёмбари ман Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) 6
Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) расули раҳмат: .......... 7
Аз сифатҳои Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам): .... 10
Қуръони карим каломи Парвардигор аст .......... 10
Дини ман Ислом аст .......... 12
Якум: Ислом .......... 12
Аркони Ислом .......... 12
Рукни аввал: Шаҳодат додан ба инки ҳеҷ маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ нест ва Муҳаммад расули Аллоҳ аст. 13
Рукни дуввум: Адои намоз .......... 13
Рукни севум: Закот додан .......... 14
Рукни чаҳорум: Рӯзаи моҳи Рамазон .......... 15
Рукни панҷум: Ҳаҷҷи Байтулҳаром .......... 16
Мартабаи дуввум: Имон .......... 17
Аркони Имон .......... 17
Рукни аввал: Имон ба Аллоҳ .......... 18
Рукни дуввум: Имон ба фариштагон. .......... 19
Рукни севум: Имон ба китобҳо .......... 19
Рукни чаҳорум: Имон ба паёмбарон. .......... 22
Рукни панҷум: Имон ба рӯзи қиёмат. .......... 22
Рукни шашум: Имон ба қадар, хайр ва шарри он .......... 23
Мартабаи севум: Эҳсон .......... 24

Таҳорат .......... 24
Таҳорат .......... 27
Масҳ кашидан бар маҳсӣ (мӯза) ва ҷуроб .......... 29
Ғусл .......... 30
Таямум .......... 32
Намоз .......... 32
Омода шудан барои намоз .......... 33
Ҳиҷоби зани мусалмон .......... 37
Хусусиятҳои мӯъмин .......... 39
Қоидаҳои муҳим дар эътиқоди мусалмон .......... 40
Хушбахтии ман дар динам, Ислом аст .......... 45

tg272v1.0 - 03/09/2026